# ҚАРОРИ

## Ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА – 014

## назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

**аз 06 январи соли 2023, №08** **ш. Душанбе**

Баъд аз шунидан ва муҳокима намудани диссертатсияи Латипова Гуландом Сайҳомидовна дар мавзуи: «Такмили механизми қарздиҳии соҳаи кишоварзӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07– Молия, муомилоти пулӣ ва қарз, тақризи роҳбари илмӣ – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Шариф Раҳимзода, тақризи муассисаи пешбар – кафедраи кори бонкии факултети иқтисодии МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров”; тақриз ва баромади муқарризони расмӣ: доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Ҳикматов Умедҷон Сафаралиевич ва номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Ҷураев Беҳзод Машрафович; баромади аъзои Шурои диссертатсионӣ, мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда: доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Умаров Хоҷамаҳмад, доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Шарипов Баҳром Маҳмудович ва номзади илмҳои иқтисодӣ Убайдуллоев Фаредулло Каримович, Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ ва хулосаи аз тарафи аъзои Шурои диссертатсионӣ қабулгардида оид ба саҳеҳият, навгонии илмӣ, аҳамият ва хулосаҳои диссертатсия, инчунин, натиҷаи корҳои нашршуда доир ба мавзуи диссертатсияи Латипова Гуландом Сайҳомидовна,

## ҚАРОР МЕКУНАД:

1. Диссертатсияи Латипова Гуландом Сайҳомидовна дар мавзуи «Такмили механизми қарздиҳии соҳаи кишоварзӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07– Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст, ба талаботи муқаррарнамудаи КОА–и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба диссертатсияҳои номзадӣ тибқи «Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад;
2. Автореферати диссертатсия ва интишороти муаллиф пурра мазмуну моҳияти таҳқиқотро инъикос менамоянд;

3. Ба Латипова Гуландом Сайҳомидовна дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ дода шавад;

4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда мешавад, ки қарори Шурои диссертатсиониро ҷонибдорӣ намояд ва Латипова Гуландом Сайҳомидовнаро бо дипломи номзади илмҳои иқтисодӣ сарфароз гардонад.

**Раиси Шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор** **Фақеров Ҳ.Н.**

**Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои иқтисодӣ** **Убайдуллоев Ф.К.**

**06 январи соли 2023.**